# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Лутфуллои Саъдулло дар мавзӯи «Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)**

Зарурияти амалигардонии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технология иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ аз шавқу рағбат, майлу хоҳиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши ин фанҳои бар меояд. Ҷомеаи тез пешраванда ва тез тағйирёбандаи муосир имконият додааст насли наврас аз синни хурдсолӣ ба технологияҳои иттилоотӣ дастрасӣ пайдо намуда онро ҳамчун воситаи муҳими маърифаткунии олами ашёҳо, муносибатҳои иҷтимоӣ, донишҳои илмӣ истифода баранд. Вазифаи педагогикаи мактаби олӣ омода намудани омӯзгороне гардидааст, ки онҳо чун мутахассиси соҳибилму соҳибкасби технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолияти маърифатии хонандагон роҳбарӣ намоянд.

Муҳаққиқ Лутфуллои Саъдулло дараҷаи таҳқиқи масъалаҳои таълими ҳамгирои фанҳои  табиӣ-риёзиро ҳамчун омили омодагии касбию инноватсионии омӯзгорони технологияи иттилоотӣ омухтааст. Инчунин масъалаи истифодаи таълими ҳамгиро дар таърихи ташаккули андешаю афкори олимони ватаниро дар самти алоқаҳои байнифаннӣ, таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, ҷанбаҳои дурнамои он дар низоми таҳсилоти Тоҷикистонро омӯхатю таҳлил намуда, мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотии худро дар зерхати таҳлили фаъолияти мактабҳои олии омӯзгорӣ дар самти омодасозии омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ таҳқиқ ва баррасӣ намояд .

Бояд, қайд кард, ки ҳамгироии фанҳои табиӣ-риёзӣ на тафриқаандозӣ, балки мантиқан бо ҳам алоқаманд намудани маҷмӯи донишҳои илмӣ, маҳорату малакаҳои касбии омӯзгорони технологияҳои иттилоотиро талаб менамояд. Дар назария ва амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамгироии таълимии фанҳои табиӣ-риёзӣ яке аз омилҳои муҳими таъмин намудани омодагии касбӣ ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури мантиқӣ, маҳорату қобилияти эҷодкорӣ шуда метавонад.

Дар автореферати кори дисертатсионии Лутфуллои Саъдулло мубрамияти мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот бо низоми муайян паидарҳам ва мантиқан ба ҳам алоқаманд тавзеҳ дода шуааст. Аз маводҳои пешниҳодшуда чунин бармеояд, ки дастгоҳи илмии кори таҳқиқоти ҷавобгуй ба талаботҳои кори дисертатсионӣ буда мазмунан он аз ду боб ва ҳар як боб аз фаслҳои алоҳида иборат мебошанд. Боби аввали кори дисертатсионӣ "Асосҳои назариявӣ-методологии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ба муаллимони ояндаи технологияи иттилоотӣ"-ро ташкил намудааст. Дар он масоили таъсири таълими ҳамгиро ба ҷабҳаи иҷтимоию истеҳсолӣ, инкишофи зеҳнӣ, салоҳиятҳои касбӣ, имконпазирии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимдар мактабҳои олӣ таъкид гардидааст. Инчунин тасвири сохтори мантиқии татбиқи консепсияи фаннии таълими ҳамгиро дар ҷараёни таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Амалигардонӣ ва самарабахшии шаклҳои ташкили таълим, аз он ҷумла таълими ҳамгиро, бо банақшагирии дарс вобаста аст. Аз ин рӯ муҳаққиқ марҳилаҳои банақшагирии ин равандро дар муасисиаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш намудааст.

Бобои дуюм ба "Асосҳои методии амалисозии таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муаллимони ояндаи технологии иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ" бахшида шудааст. Муҳаққиқ Лутфуллои Саъдулло дар ин боб масъалаҳои роҳу воситаҳои амалисозии модели таълими ҳамгирои фанҳои табии-риёзӣ ва руйхати яклухти доираи фанҳоро тибқи талабот стандартҳо, ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи он барномаҳоро дар омодагии касбии мутахассисон дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар дар доираи фанҳои табии-риёзӣ пешниҳод намудааст.

Ҳангоми ташкилу баргузории озмоиши педагогӣ, коркарди омории натиҷаҳои он дар таъмини омодагии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи технологияи иттилоотӣ аз методи пурсиши фокус-гурӯҳҳои омӯзгорони фанҳои математика, информатика, физикаи мактабҳои олии омӯзгории ш.Душанбе истифода гардидааст. Дар заминаи муайянсозии мушкилотҳои омӯзгорон бо иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ тренингҳо гузаронида шудаанд, ки он ба болоравии сатҳи дониш, маромнокии касбӣ ва имконияти истифодаи технологияи нави таълими зиёд гардидаанд. Натиҷаи кори озмоишӣ инчунин ба донишомӯзии мустақилонаи омӯзгорони оянда мусоидат намуда онҳо ба тартиб

додани презентатсияҳо, ҷустуҷӯи маълумотҳо дар шабакаҳои интернетӣ диққати махсус диҳанд.

Дар асоси таҳлили таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба мазмун, муҳтавои таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ дар ташаккули касбияти омӯзгорони ояндаи технологияи иттилоотӣ, хулоса ва тавсияҳои арзишманди илмӣ оид ба самарабахшии технологияи мазкур коркард ва пешниҳод гардидаанд, ки ба пешрафти назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ информатика, математика дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард.

Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ ба мавзуъ ва мазмуни кори дисертатсионӣ мувофиқат менамоянд. Таҳқиқоти мазкур дар мавзӯи "Таълими ҳамгирои фанҳои табиӣ-риёзӣ ба омӯзгорони ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мубрам, саривақтӣ ва ба анҷом расида буда муаллифи он Лутфуллои Саъдулло сазовор ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01.-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мебошад.

Муқарриз: н.и.п. ассистенти

кафедраи забонҳои ДТТ ба номи

академи М.С. Осимӣ Султонова Сурайё Абдурашидовна

Имзои "С.А. Султонова" ро тасдиқ

Менамоям. Сардори расати кадрҳо ва

корҳои махсуси ДТТ ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Маълумот барои тамос:

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, ш. Душанбе, хиёбони

академикҳо Раҷабовҳо 10, Телефон: +992 (372) 21-35-11

Суроғаи электронӣ: info@ttu.tj, ttu@ttu.tj